*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)*

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи **«Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700–Менеҷмент (6D050701–Менеҷмент) пешниҳод гардидааст.

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D050700–Менеҷмент (6D050701–Менеҷмент) иҷро гардида, бо бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклу методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, метод ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия). Ташаккул ва идоракунии занҷираҳои офаридани арзиш. Рақобатпазирии бизнес. Ташкил ва нигаҳдории салоҳиятҳои калидӣ. Захираҳои стратегӣ ва қобилиятҳои ташкилотии ширкат; 10.16. Идоракунии ташкилот дар қаринаи бизнеси байналмилалӣ. Ташкил ва идоракунии ширкати байналмилалӣ. Бизнес-стратегияҳои байналмилалӣ. Паймонҳои байналмилалӣ ва шабакаҳои ширкатҳо. Якҷояшавӣ ва фурӯбарӣ дар бизнеси байналмилалӣ. 10.17. Идоракунии корпоративӣ. Шакл ва методҳои назорати корпоративӣ.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосир роҳандозии шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ ва тақвияти ҳарчи бештари он, бо дарназардошти тавсиаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши шаклҳои нави шарикии стратегӣ, муҳим арзёбӣ мегардад.

Имрӯзҳо принсипҳои асосии идоракунии ширкатҳои саноатӣ, бо дарназардошти тавсиаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷиҳати ҳифзи бақои худ ва иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ ва тақвияти давлатҳои миллӣ, сахт алоқаманд мебошанд.

Мусаллам аст, ки ҷаҳонишавӣ раванди умумиичаҳонии баҳамоӣ ва яксоншавии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ буда, андешаҳоро доир ба шаклу усулҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ба куллӣ тағйир дод. Дар ин раванд шаклҳои таъмини ҳамкории самарабахши субъектҳои бозор аҳаммияти махсусро пайдо намуда, бо усулҳои самаранокӣ ва татбиқи принсипҳои асосии шарикии стратегӣ беш аз пеш замина гузошт. Бинобар ин, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро таҳти назорати қатъӣ қарор додааст. Воқеан ҳам, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд татбиқи стратегияҳо, консепсияҳо, қонунҳо, барномаҳои рушди соҳавӣ ва даҳҳо лоиҳаҳо далели воқеии комёбиҳо дониста мешаванд. Дар натиҷа, дараҷаи иштирок ва ташаккули ҳамкории мутақобилан судманди корхонаҳои саноатӣ ба сатҳи муваффақият ва даромаднокии онҳо мусоидат менамояд.

Дар ниҳоят, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи диссертатсионии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович – **«Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** мутобиқ ба талаботи "Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030" иҷро гардидааст. Ҳамин тавр, дар шароити ҷаҳонишавӣ бо дарназардошти идоракунии самаранок рушди шаклҳои нави шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ муҳим буда, мубрамият, интихоб, объект ва предмети таҳқиқотро муайян ва мақсадҳои рисолаи илмӣ низ асоснок гардидааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Нововарии илмии таҳқиқотӣ.** Маврид ба зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастоварҳои илмӣ, тасдиқот доир ба густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва хулосаву пешниҳодҳо ироа шудаанд, ки мазмуни пурраи онҳо дар диссертатсия инъикос ёфтаанд. Ба сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷудо гардидаанд, ки аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ доранд:

–асосҳои назариявӣ ва методии рушди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо дарназардошти ба низом даровардани шаклҳо, самтҳо ва шаклҳои шарикии корхонаҳои истеҳсолӣ, таъминкунандагон, муассисаҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, ки ҳадафи асосии онҳо ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд ва таъмини самараи синергетикӣ мебошад, муайян карда шудаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ дар заминаи фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ мусоидат мекунад;

– принсипҳои асосӣ ва омилҳои муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дастабандӣ гардиданд, ки имкон доданд, ки меъёрҳо, нишонаҳо, омилҳо ва шароити густариши шарикии стратегӣ дар ҷаҳони муосир муайян карда шаванд. Таърифи муаллиф доир ба мафҳуми “шарикии стратегӣ” пешниҳод шудааст, ки онро ҳамчун муттаҳидшавии ду ё зиёда ташкилот дар асоси шартнома (созишнома) ё бо роҳи ташкили сохтори нави ташкилӣ бо дарназардошти ноил шудан ба параметрҳои ҳамкории мутавозин ва муассир муайян менамояд, ки ба оптимизатсияи равандҳои ҳамгироӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, татбиқи самараноки иқтидори инноватсионӣ ва содиротӣ, бо нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии онҳо, нигаронида шудааст;

–вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардидааст, ки имкон медиҳад омилҳои муассир ба рушди бахши саноат, мушкилот ва монеаҳои рушди он, бо таваҷҷуҳ ба истифодаи ғайрисамараноки принсипҳои асосии шарикии стратегӣ, ошкор карда шавад. Моделсозии омилҳои муассир ба фазои касбу кор бо меҳварияти омили тағйирёбандаи шарикии стратегӣ дар асоси усули таҳлиливу омилӣ муҳосиба шудааст, ки рутбаҳои омилҳои таъсиррасонро ба шарикии стратегӣ дар муҳити фазои касбу кори кишвар инъикос менамояд;

–мушкилот/комёбиҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дастабандӣ шудаанд, ки ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди густариши шаклҳои мухталифи шарикии стратегӣ дар бахши саноат мусоидат менамоянд;

–самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи минбаъдаи корхонаҳои муштарак дар заминаи татбиқи

мутавозини маҷмуи чорабиниҳои рушду инкишофи муҳити ниҳодӣ ва иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд, ки он имкон медиҳад, то ба фаъолияти сармоягузории онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ/воридвазнкунанда суръат бахшида шавад;

– модели иқтисодию риёзии ташаккули кластерҳо дар бахши саноат дар асоси рушди шарикии технологӣ байни корхонаҳо таҳия карда шудааст, ки он ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои зерин муосидат мекунад:

➢ фароҳам овардани шароити мусоиди шарикии технологӣ ҳамчун асоси кластеризатсияи корхонаҳои саноатӣ;

➢ фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар самти истифодаи самараноки иқтидори табиии минтақаҳои кишвар дар шароити ташкили кластерҳо;

➢ ташаккули неруи кадрӣ дар бахши саноатии иқтисодиёт, ки қобилияти идора кардани кластерҳоро доро мебошад.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд, ки шомили нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

- Механизми ташаккулёбӣ ва инкишофи шарикии стратегӣ чун алоқамандии унсурҳои умдаи он (принсипҳои асосӣ, шаклҳо ва самтҳои ҳамкорӣ, усулҳои баҳамоӣ) дар заминаи таъмини оқилонаи алоқамандии омилҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории баҳамоии шарикон дар бахши саноат.

- Принсипҳои асосии ташкил ва пешбурди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳои мухталиф, ки зарурати инкишофи фазои иттилоотиро бо таваҷҷуҳ ба густариши бемайлони иқтисодиёти рақамӣ ба миён меоварад ва аҳаммияти барқарор намудани робитаҳои мутақобилан судмандро байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ростои таъмини рақобатпазирӣ ва эҷодиқ самараи синергетикӣ асоснок менамояд.

- Ба низом даровардани мушкилот/дастовардҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ҳамчун заминаи ҳамкории мутақобилан судманд.

- Модели баррасии омилҳои муассир бар густариши шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси усули таҳлили омилӣ муҳосиба шуда, дараҷаи таъсири омилҳои фазои касбу корро ба раванди густариши шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳ ба радабандӣ намудани омилҳои хеле муассир ва камтаъсир нишон медиҳад.

- Алгоритми коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи корхонаҳои муштарак, ки пайдарпайии барномарезӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатро дар самти вусъат бахшидан ба фаъолияти корхонаҳои

муштарак чун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” инъикос менамояд.

- Маҷмуи пешниҳодҳо, ки ба кластерикунонии бахшҳои афзалиятноки саноати кишвар бо таваҷҷуҳ ба фаъол намудани сохторҳои илмиву таълимӣ дар самти густариши шарикии стратегӣ равона карда шудаанд.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани диссертатсия.** Бо дарназардошти дастовардҳои соҳа, дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ таҳқиқ ва арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон, доир ба масъалаҳои шарикии стратегӣ дар иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он дар кори муҳаққиқони ватанӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Албатта, натиҷаҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, дар асоси сарчашмаҳои оморӣ тасдиқ кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, ба муаллиф маҳз ҳамин маълумот имкон додааст, ки доир ба масъалаи инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хулоса ва натиҷагириҳо намояд.

**5. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд назарияи менеҷменти корхонаҳои саноатиро дар шароити густариши равандҳои ҳамгироӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ғанитар гардонанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар коркарди стратегияи давлатии рушди корхонаҳои саноатӣ ва такмили низоми ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бурунмарзии корхонаҳои саноатӣ истифода бурд.

Ҳолатҳои асосноккардашуда ва хулосаҳо метавонанд дар фаъолияти қонунбарорӣ бо мақсади амалигардонии стратегияи дарозмуддати барномаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ самаранок истифода шаванд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мукаммалгардонии курсҳои омӯзишии «Менеҷмент», «Менеҷменти стратегӣ» «Асосҳои бизнеси байналхалқӣ», «Фаъолияти иқтисодии берунмарзии корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат» ва ғайра истифода шудаанд.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ собит гардида, ҳадаф, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот кушода дода шудааст. Ҳамзамон, дараҷаи азхудшудаи масъалаи

илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардида, омӯзиши мунтазами асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди шаклҳои муқарраршудаи шарикии стратегиро ҳамчун муҳимтарин самти идоракунии самараноки системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ муҳим арзёбӣ гардидааст.

**Дар боби якуми диссертатсия**–«Ҷанбаҳои назариявию методологии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» падидаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба шарикии иқтисодии корхонаҳо, ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард гардидаанд. (саҳ.16-70).

Дарвоқеъ, ҷаҳонишавӣ ҳамчун ҳамгироии (интегратсия) бошиддати ҷомеа ва системаи иқтисоди тамоми ҷаҳон буда, инкишофи оқибатҳои мусбӣ ва манфии ба худ хосро дорад. Имрӯзҳо ба густариши шарикии стратегӣ мусоидат намуда, ҷараёни комплекси нишонаҳои бисёри ҳаёти моро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, моҳияти аслии раванди ҷаҳонишавиро ташаккули “ҷаҳони ягона” ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, муаллиф дар зербоби 1.1. мубрамияти мавзуъро дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асоснок намуда, дар навбати аввал омӯзиш ва таҳлили муҳтавои мафҳуми «ҷаҳонишавӣ» аз нигоҳи муаллиф дар асоси ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба мақсад мувофиқ донистааст. Зимнан, ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии иқтисодии корхонаҳоро дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ намуда, дар (расми 1.1.1.) омилҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти дунёро гурӯҳбандӣ (саҳ. 24) ва дар ҷадвали 1.1.1. Таснифи омилҳои асосии ба раванди ҷаҳонишавӣ мусоидаткунандаро дақиқтар нишон додааст. (саҳ. 25-26). Унвонҷӯ иброз менамояд, ки “шарикии стратегӣ роҳи самараноктарини расидан ба ҳадафҳои мусбии ҷаҳонишавӣ мебошад”. (саҳ.36).

Дар зербоби 1.2. муаллиф ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз менамояд, ки дар шароити амиқтар шудани рақобати байналмилалӣ ва мушкилоти наве, ки дар асари ҷаҳонишавӣ ва рӯйдодҳои сиёсии солҳои охир аз муҳити берун ба мо ворид мешаванд, ба ширкатҳо барои боқӣ мондану аз вартаи нобудӣ ҳифз кардани худ зарур меояд, ки ҷидду ҷаҳди худро муттаҳид созанд. (саҳ. 38). Воқеан ҳам, диссертант ҳангоми таҳқиқоти илмӣ далелҳои назариявию амалиро дар заминаи назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ дар ҷадвали 1.2.1. равишҳои асосӣ доир ба муайян кардани таърифи мафҳуми «шарикии стратегӣ” шарҳу тавзеҳ медиҳад. (саҳ. 40-41). Ҳамзамон, муаллиф афзалиятҳои рақобатии

шарикии стратегӣ дар расми 1.2.1. шарҳ додааст. (саҳ. 48).

Дар зербоби 1.3. бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ аз ҷониби муаллиф муносибатҳои шарикии стратегӣ дар заминаи принсипҳои гуногун дарҷ карда шудааст. (саҳ. 59). Ҳамин тавр, муаллиф тибқи принсипҳои асосӣ ва омилҳои муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хулоса намуда, қайд менамояд, ки шарикии стратегӣ бар пояи принсипҳои муайян дар назди ҳамдигар сурат мегирад ва мутақобилан судманд будани шарикӣ барои тарафҳо дониста мешавад. (саҳ. 70).

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Таҳлили ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо арзёбии умумии инкишофи ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ, густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши саноат ва моделсозии омилҳои муассир бар густариши шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасиву таҳлил қарор гирифтаанд. (саҳ. 71-103).

Мусаллам аст, ки рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ боис мегардад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат бо густариши шарикии стратегӣ тақвият ёбад ва қадамҳои устувор баҳри рушди иқтисоди миллӣ гузошта шаванд. Дар зербоби 2.1. муаллиф дар ҷадвали 2.1.1. динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф мекунад. (саҳ. 74). Ҳамзамон, қайд менамояд, ки дар зарфи 8 соли охир шумораи корхонаҳои саноатӣ 492 адад ва ё 121,2% ва дар тамоми бахшҳои саноат теъдоди кормандон то 106 дарсад афзоиш ёфтааст.

Дар диссертатсия гуфта мешавад, ки рушди равандҳои ҳамгироӣ ҳамчун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ дар бахши саноат метавонад таъсири омилҳои берунаро ба таври назаррас коҳиш диҳад ва рушди устувори шохиси ҳосилнокии меҳнатро таъмин намояд. (саҳ. 80).

Дар зербоби 2.2. унвонҷӯ ҳангоми таҳлилҳои диссертатсия маълум намудааст, ки дар соли 2023 дар сохтори содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қазоқистон дар ҷои аввал (22,6 %), Чин дар ҷойи дуюм (17,2 %), Туркия дар ҷойи севум (8,4 %) ва дар сохтори воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи аввал Русия (30,7 %), дар ҷойи дувум Қазоқистон (18,5 %) ва дар ҷойи сеюм Чин (16,3 %), қарор мегиранд, ки мавқеи дигар давлатҳоро дар (ҷадвалҳои 2.2.1., 2.2.2.) мушоҳида намудан мумкин аст. (саҳ. 93-95).

Дар зербоби 2.3., дар дувоздаҳ ҷадвал бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои гуногун масъаларо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, баҳогузории накши омилҳои таъсиррасон дар пешбурди шарикии

стратегӣ ва пойдории онро муҳим арзёбӣ намудааст. Зеро ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва монеаҳои рушду инкишофи корхонаҳо андешидани тадбирҳои муассир тақозои замон аст. Ҳамин тавр, шарикии стратегӣ чун як омили муҳимми фазои касбу кор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли табиии рушдёбандаро ба худ касб намуда истодааст. (саҳ. 119).

**Дар боби сеюми диссертатсия**–«Самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» стратегияи густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар шакли бунёд ва инкишофи корхонаҳои муштарак методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, шарикии технологии ширкатҳои саноатӣ дар заминаи бунёди кластерҳои минтақавӣ пешниҳод шудааст. (саҳ. 121-160).

Дар зербоби 3.1. муаллиф қайд мекунад, ки дар даҳсолаи охир мушоҳида мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи минтақа ва ҷаҳон робитаҳои хуби иқтисодиву тиҷоратиро ба роҳ мондааст. (саҳ. 121). Дар ин росто, андешидани чораҳои мушаххас дар қолаби коркард ва татбиқи “Стратегияи рушди корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро муаллиф муҳим арзёбӣ намуда, ҷанбаҳои методии коркарди чунини стратегияро дар шакли алгоритм (расми 3.1.2.) тасвир намудааст. (саҳ. 130).

Зербоби 3.2. доир ба шарикии технологии ширкатҳои саноатӣ дар заминаи бунёди кластерҳои минтақавӣ бахшида шуда, мазмун ва моҳияти масъалаи мазкурро пурра мекунад. Дар ин хусус, муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври расмӣ кластерҳои саноатӣ ҳанӯз ташаккул наёфтаанд, аммо нишонаҳои он (ба сифати шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ) дар баъзе ҳолатҳо мушоҳида мешаванд. Ҳамин тавр, аз усули таҳлили омилӣ тавассути гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ёдовар шуда, дар ҷадвали 3.2.3. омилҳои ба шарикии технологии ширкатҳои саноати сабук таъсиррасонро нишон додааст. (саҳ. 153). Зимни хулосабардории зербоб доир ба вобастагии зичи кластерҳои саноатӣ бо ташаккул ва рушди шарикии технологӣ ибрози андеша намудааст.

**Дар қисми хулосаи диссертатсия** аз ҷониби муаллиф натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст карда шуда, тавсияҳои мушаххаси муаллиф дар ин росто доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигардида дарҷ гардидаанд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсия дар онҳо дарҷ гардидааст. Дастовардҳои ноилгардидаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намуда, мустақилона анҷом додааст. Бахусус, муқарраротӣ барои ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф шахсан таҳия карда шудаанд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович ба талаботи бандҳои 31,33,34,35 ва 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 № 295) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

**8. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар баробари муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ, ҳамзамон, як қатор камбудию норасоиҳо дар диссертатсия ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд:

1. Дар зербоби 1.1., бо дарназардошти мавриди таҳқиқ қарор гирифтани андешаҳои олимони хориҷӣ, ақидаҳои олимони ватанӣ камтар дарҷ гардидаанд.

2. Дар баробари маълумоти муфассали диссертатсия доир ба инобат гирифтани хавфҳо беҳтар мебуд, ки дар мундариҷа ва зербобҳо номгузорӣ мегашт.

3. Агар унвонҷӯ аз рӯйи маълумоти овардашуда хулосаҳои амиқ ва алоқамандро вобаста ба омилҳои инноватсионӣ иловатан баён медошт, ба манфиати кор мебуд.

4. Дар диссертатсия зимни омӯзиши таҷрибаи кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта маҳз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи муносиби онҳо баён нашудааст.

5. Иловатан, баҳодиҳии раванди саноатикунонии босуръати

кишвар ва густариши шаклҳои шарикии стратегӣ вобаста ба самтҳои афзалиятнок барои расидан ба ҳадафҳо мусоидат менамуд.

6. Дар матни диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро гум намекунанд. Бо дарназардошти ин, андешаҳои муаллиф ҷолиб ва дар сатҳи зарурӣ иброз гардидаанд.

Эроду дархостҳои болозикр хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ буда, мустақилияти унвонҷӯйро дар ҳалли муаммоҳо доир ба бозори меҳнати минтақавӣ нишон медиҳад.

**9. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарризи расмӣ дар сатҳи баланди илмию амалӣ дар мавзуи **«Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700–Менеҷмент (6D050701 –Менеҷмент) иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) мутобиқ буда, муаллифи он Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**муовини якуми директори Маркази**
**тадқиқоти стратегии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Муртазозода О.**

**Имзои Муртазозода О. – ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо,**
**корҳои махсус ва умумӣ** **Шодиева З.Д.**

МАРКАЗИ ТАҲҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО

12.08.2024

*Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89.*
*Тел: (992 37) 2-21-11-00.*
*Факс: (+992 37)2-21-11-00.*
*E-mail: info@mts.tj*